Тақризи

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа Имомалиева Раногул Мамадалиевна доир ба дисертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи " Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ

Дар шароити тағйирпазирии тартиботи ҷаҳонӣ ва дигаргуншавии вазъи ҷаҳони муосир, васоити ахбори омма яке аз воситаҳои муассиртарини ташаккул додани ҳисси худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад. Васоитҳои ахбори омма дар ҷомеаи имрузаи тоҷикистонӣ ба воқеияти иҷтимоию сиёсӣ табдил ёфта, воситаи асосии ташаккули афкори ҷомеа маҳсуб мегардад. Аз ин ҷост, ки ВАО воситаи асосии густариши иттилоот маҳсуб ёфта, аз як тараф дар ҳифзи манфиатҳои иттилоотии кишвар нақши асоси дошта, аз тарафи дигар ҳамчун омили муҳими инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Мавзуи диссертатсияи Ятимов С.Р ба таҳлилу баррасӣ ва нақши ВАО дар ҳалли чунин масъалаи муҳими ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯи "Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Давраи комилан нав ва аз ҷиҳати сохтору мундариҷаи худ ба таври ҷиддӣ фарқкунандаи васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз дар давраи Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии мо оғоз гардид ва вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт. Имрӯз дар фаъолияти ВАО-и Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла ва шабакаҳои иҷтимоӣ таъсис дода, кори онро мустақилона пеш мебаранд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори таҳлилу омузиш ва омӯхтан мебошанд. Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Ятимов С.Р маҳз ҳамин масъаларо дар

шароити иникшофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар бар гирифта, аз диди иҷтимоӣ-фалсафӣ таҳқиқ гардидааст. Вобаста ба ин масъала муҳимияти мавзуъ ба таври муфассал шарҳу тавзуҳ ёфтааст.

Диссертант мубрамияти мавзуъ ва зарурати омузиши онро дар шароити имрузаи пешрафти ҷомеаи тоҷикистонӣ дарк намуда, қайд менамояд, ки омӯзиши ВАО ҳамчун неру ва воситаи пешбарандаи равандҳои иҷтимоии ҷомеа дар шароити тағйирпазирии усулҳои рӯзноманигорӣ, таҳлили дигаргуниҳои шакл ва усулҳои таҷассуми равандҳои сиёсӣ, мубориза и сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ, ошкор намудани хусусиятҳои ВАО муҳимияти мавзӯи мазкурро муайян намудаанд. Дар ҳамин замина диссертант иброз менамояд, ки ВАО аз оғози пайдоиши худ, вазифаҳои муҳимро иҷро намуда, дар шароити имрӯза низ ҳамчун яке аз институтҳои муҳимми ҷамъиятиву сиёсӣ баромад карда, масъалаҳои мухталифи ҷамъиятиву сиёсӣ ва роҳҳои минбаъдаи инкишофи кишварро дар саҳифҳои он мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкурро ба воситаи натиҷаҳои асосии диссертатсия муайян намудан мумкин аст. Навгонии таҳқиқот боз дар он муайян карда мешавад, ки фаҳмиши муалифии ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва нақши он дар шароити иникшофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ аз диди иҷтимоӣ-фалсафӣ коркард ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он ба таври маҷмӯавӣ ҷанбаҳои илмӣ - назариявии ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҳлил гардида, нақш ва мақоми он дар ҷомеа муайян карда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф кушиш намудааст, ки ВАО-ро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми он дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии инъикоси масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа имрӯза тасниф ва муайян кунад. Ҳамчунин навгониҳо чунин бандҳоро дар бар гирифтаанд:

- хусусият ва шаклҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири иҷтимоию иттилоотӣ, нақши ВАО дар раванди истифодаи онҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда;
- таҷассуми душвориҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, фарҳангӣ дар ВАО – и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқ гардид;
- нақши ВАО ҳамчун воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

- нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд;

- хулоса ва тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти ВАО дар шароити инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Омӯзиши мавзӯи мазкур нишон медиҳад, ки диссертант Ятимов С.Р хусусиятҳо, шаклҳо ва усулҳои таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ сиёсӣ дар ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, нишон додааст. Инчунин муаллиф нақши ВАО дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, мавриди омузиш қарор додааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дақиқ будани маълумотҳо, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот асоснок карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур карда шудаанд. Методҳои илмии истифоданамудаи довталаб бо ихтисоси илмии интихобгардида мувофиқат мекунад. Саҳми шахсии муҳаққиқ бо сатҳи навгонии илмии дисертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар мактаби олӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон, тартиб додани нақша, масъалагузорӣ ва услуби таълифи диссертатсия саҳми шахсии муаллифиро инъикос менамоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, қи диссертант бо имконияти истифода намудани натиҷаҳои назариявӣ ва методологии ба даст овардашуда барои таҳқиқи фаъолияти матбуоти даври ва таъсири сиёсии он дар давраи гузариш муайян карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми ВАО дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ муосидат намоянд. Илова бар ин, аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва илман асоснок намудани таъсири ВАО ба равандҳои сиёсӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъалаи таъсири ВАО дар раванди таълими фанҳои алоҳидаи ихтисосҳои фалсафа, сотсиология ва сиёсатшиносӣ метавон истифода намуд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки онҳо дар мукаммал гардонидани фаъолияти ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир гардида, хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия барои рӯнамоии масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар асоси дидгоҳи мутахассисон шарҳу тавзеҳ додани онҳо имкон медиҳад. Тавсияҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ истифода карда шаванд, зеро ки ВАО дар раванди бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва шиддатёбии ҷаҳонишавӣ ҳамчун воситаи пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ истифода мешаванд. Аз ин рӯ, ба омода намудани рӯзноманигорони насли нав, ба курсҳои бозомӯзию такмили ихтисос ҷалб намудани онҳо диққати бештар додан лозим аст. Рӯзноманигорони расонаҳои ватанӣ бояд бо рақибон ва душманони давлату миллат муборизаи иттилоотӣ бурда тавонанд. Онҳо бояд дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ муваффақият дошта бошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯи мавзӯи диссертатсия муаллиф 4(чор) мақолаи илмӣ дар маҷҷалаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Дар баробари ин натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 2(ду) конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводҳои чопнамудаи диссертант ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Автореферат ва маводҳои чопнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Бо назардошти андешаҳои зикргардида дисертатсияро мусбат баҳогузорӣ кардан мумкин аст, вале он аз камбудиҳо ва масъалаҳои баҳсноку норавшан низ орӣ нест. Ба назари мо диссертанро зарур буд, ки ба масъалаҳои зерин аҳамият диҳад:

1. Дар диссертатсия мафҳумҳои воситаҳои иттилоотӣ, маълумот, ахбори номатлуб, ВАО, ВАО-ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ омехта истифода бурда шуда, таносуби онҳо нишон дода нашудааст. Муаллифро зарур буд, ки вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда умумияту фарқияти онҳоро нишон медоданд.
2. Зербоби 2.2 "ВАО ҳамчун воситаи инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ" ном дошта, дар он масъалаҳои сиёсӣ ва ҳодисаҳои сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта инъикос гардидаанд.

Вобаста ба матни зербоб муаллифро зарур буд, ки ба номи ин зербоб инъикоси масъалаҳои сиёсии солҳои 90-умро илова мекарданд.

3. Дар диссертатсияи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ ба таври зарури нишон дода нашудааст. Хусусиятҳои сиёсии ВАО ба таври мушаххас таҳлил нагардидаанд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки камбудиҳо ва масъалаҳои баҳсноку норавшани зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва қиммати илмии диссертатсияро кам намекунад. Зеро ки он дорои навгониҳои илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории дисертатсия ба талаботи Комиссия.** Сохтори диссертатсия бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ: номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон Р.М.Имомалиева

Имзои дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДФСТ
Р.М.Имомалиеваро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ "ДДФСТ"
ба номи Мирзо Турсунзода Ҳамидова З.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/6, хонаи 23
Тел.: 938665679
Почтаи эл.: inamovjamik@gmail.com

09.11.2024